ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ОМӮЗГОРИИ ТОҶИКИСТОН
БА НОМИ САДРИДДИН АЙНӢ

Ба ҳуқуқи дастнавис

ТДУ: 809.155.0

НИҲМОНОВА РАНГИНА МУҲАМАДҶОНОВНА

МУРОДИФШАВИИ КАЛИМА БО ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ С. АЙНӢ

АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ
аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – забони тоҷикӣ

ДУШАНБЕ – 2021

Диссертатсия дар кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ анҷом дода шудааст.

Роҳбари илмӣ: **Мирзоева Моҳира Мадиброҳимовна** - доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи услубшиносӣ ва таҳрири адабии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муқарризони расмӣ: **Ҳасанзода Абдуҷамол Ашраф** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии (МДТ) «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров»

Юсупов Абдулло Исмоилович – номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино

Муассисаи пешбар: Институти забон ва адабиёти ба номи Рудакии АМИ Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия “16” сентябри соли 2021, соати 15^{00} дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-028-и назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121) баргузор мегардад.

Бо матни диссертатсия ва автореферати он дар китобхонаи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ ва сомонаи www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат «_____» _____ соли 2021 фиристода шуд.

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филология, дотсент **Мирзоалиева А. Ш.**

ТАВСИФИ УМУМИИ КОР

Мубрамият ва зарурати интихоби мавзӯи таҳқиқот. Диссертатсияи мазкур тавсифи ҳамаҷонибаи яке аз падидаҳои парадигматикии забон – муродифоти воҳидҳои фразеологӣ[1]ва калимаро дар забони адабии муосири тоҷикӣ дар бар мегирад. Дар забоншиносии умумӣ ва тоҷик таҳқиқоти гуногуне вуҷуд дорад, ки ба масъалаҳои ҷудогонаи ин мавзӯъ бахшида шудаанд. Табиист, ки нуқтаи назари муҳаққиқон дар масъалаи муносибати ВФ бо калима, муродифоти луғавию фразеологӣ, қаробати маъноии миёни онҳо яксон нест.

Аҳамияти мавзӯи таҳқиқоти мазкур, аввалан, дар он зоҳир мегардад, ки дар назарияи фразеология муносибати муродифии воҳидҳои луғавию фразеологӣ ва алоқаи байни онҳо ба таври кофӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Баъзан, роҳҳои муродифшавии воҳидҳои фразеологӣ ва калима ба таври дақиқ нишон дода нашудааст. Ниҳоят, маводи амалии забони тоҷикӣ нишон дод, ки силсилаи муродифоти луғавӣ бе муродифоти фразеологӣ нотамом мемонад, яъне яке дигареро пурра мекунад. Ҳамчунин агар ба шарҳи луғатҳои тафсирӣ ва дузабона назар афканем, дар як маврид калимаро бо воҳидҳои фразеологӣ ва дар ҳолати дигар ВФ-ро бо калима тафсир кардаанд. Ин далел аҳамияти мавзӯи таҳқиқро бори дигар собит менамояд.

Аз тарафи дигар, зарурати омӯзиши ин мавзӯъ дар он аст, ки дар муродифоти луғавӣ сухан дар бораи тафовути маъно меравад, аммо дар муродифоти фразеологӣ образнокӣ, ифоданокӣ ва муассирӣ дар мадди аввал меистад. Муродифоти луғавӣ маъноро урён, вале муродифоти фразеологӣ зимни як лавҳаи рӯзгор ва ҳодисаву воқеаҳои зиндагӣ пардапӯшона ифода мекунанд. Аз нигоҳи сохтор низ дар муродифоти луғавӣ калима бо калима, калима бо таркиб, таркиб бо таркиб муносибати ҳаммаъноӣ пайдо мекунанд. Дар муродифоти фразеологӣ калима ва таркиб бо ВФ, ҳамчунин ВФ бо ВФ муродиф мешаванд.

Дараҷаи омӯзиши мавзӯи таҳқиқот.Муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ як андоза дар забоншиносии тоҷик дар асоси маводи асарҳои бадеии С. Айнӣ омӯхта шудааст, аммо мавқеи ҳаммаъноии калима бо ВФ дар публитсистикаи нависанда умуман мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Омӯзиши ин масъала дар забоншиносии муосир муҳим буда, он аз мавзӯъҳое ба ҳисоб меравад, ки дар ягон давру замон аҳамияти худро аз даст намедиҳад, зеро инсоният ҳамеша ба дақиқ ифода кардани матлаб ниёз дорад ва ин масъала бо интихоби воҳидҳои забон зич алоқаманд аст.

Дар забоншиносии тоҷик аввалин маълумотро доир ба муродифот дар асарҳо ва луғатҳои даврони адабиёти классикӣ дучор омадан мумкин аст. Ҳанӯз дар гузашта олимони сухансанҷ категорияҳо ва мафҳумҳои услубиро дар алоқамандӣ бо тарзҳои ифодаи матлаб таҳқиқ кардаанд. Ин ҷанба дар робита бо чунин мафҳумҳо, аз қабили *балоғати сухан* ва *фасоҳати калом*, бо маҳорати интихоб ва истифодаи воҳидҳои луғавӣ ва грамматикии забон инъикос мегардад. Омӯзиши масъалаи муродифот дар забоншиносии тоҷик ҳанӯз дар марҳилаи классикии инкишофи забон (асри XIV) шурӯъ гардида, то ба имрӯз идома дорад. Дар осори илмии олимон ва луғатнигорони гузашта, ҳамчунин забоншиносони муосир ин мавзӯъ ба андозаи мухталиф инъикос гардидааст. Доир ба муродифоти луғавӣ, фразеологӣ ва луғавию фразеологӣ дар таҳқиқотҳои махсуси

[1] Минбаъд ВФ

илмӣ, осори ба забон ва услуби адибони ҷудогона бахшидашуда, дастурҳои таълимӣ, фарҳангу луғатҳо маълумот пайдо кардан мумин аст.

Дар ќисмати ба лексика бахшидашуда мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таҳқиқоти махсус доир ба муродифоти луғавии забони ҳозираи тоҷик ба қалами забоншинос М. Муҳаммадиев тааллуқ дорад. Натиҷаҳои таҳқиқоти муаллиф дар шакли як монография «Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ)» [37] ва як луғати синонимҳо [38] ба табъ расидаанд.

Ба масъалаҳои назарии лексикология ва фразеологияи забони тоҷикӣ, меъёри истифодаи онҳо, нуқсонҳо дар корбурди ин воҳидҳои забон як қатор мақолаҳо, монографияҳо ва дастурҳои забоншинос Б. Камолиддинов [25] бахшида шудаанд. Муҳаққиқ дар осори илмии худ дар асоси маводи адабиёти бадеӣ, ВАО, забони зиндаи мардумӣ табиати муродифоти забони тоҷикиро ошкор менамояд. Боби аввали монографияи илмии профессор Б. Камолиддинов «Муродифоти наҳвӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик» ба чунин масъалаҳои назарияи муродифоти воҳидҳои забон бахшида шудааст: хусусиятҳои сохториву семантикии муродифот, меъёри муқаррар намудани онҳо, муносибати муродифот бо параллелизм (қолабҳои мувозӣ), вариантҳо ва дублетҳо, муносибати ин категорияи семантикӣ ба ҷараёни инкишофи забон, омилҳои асосии ба ҳаммаъноии воҳидҳои забон таъсиррасонанда [87].

Таҳқиқи ҳамаҷонибаи илмии фразеологияи забони ҳозираи тоҷик дар даврони шӯравӣ оғоз ёфта бошад ҳам, олимони тоҷик дар гузаштаи дур ба ин гӯшаи зиндаи забон ҳусни таваҷҷуҳ зоҳир мекарданд. Дар луғатҳои тафсирии гузашта дар баробари воҳидҳои луғавӣ баъзе воҳидҳои фразеологӣ низ шарҳ дода мешуданд. Таҳқиқоти илмии ба фразеологияи забони муосири тоҷик бахшидашуда танҳо баъд аз ба табъ расидани мақолаҳои академик В. В. Виноградов рӯйи кор омаданд. Аввалин маълумотро дар ин бобат дар корҳои илмии муҳаққиқони солҳои 40-50-ум мушоҳида кардан мумкин аст. Инҳо ишораҳои ҷудогона ё чанд таъбири рехтае мебошанд, ки дар таҳқиқоти ба масъалаҳои мухталифи грамматикаи забони тоҷикӣ, забон ва услуби адибони ҷудогона бахшидашуда ҷой доранд. Ба ин қатор корҳои илмии олимони маъруфи тоҷик Д. Т. Тоҷиев [51], Н. А. Маъсумӣ [49], М.Н. Қосимова [35], дохил мешавад.

Зикр бояд кард, ки забон ва услуби осори бадеии С.Айнӣ як андоза омӯхта шудааст. Муҳаққиқони тоҷик Н. Маъсумӣ [49], Х. Ҳусейнов [56], Р.Ғаффоров [16], М. Юсуфова [147], М. Холов [134], М.М. Мирзоева [104] насри бадеии адибро объекти таҳқиқоти худ қарор доданд. Ин таълифот ҷанбаи услубӣ дошта, бунёди баъзе аз онҳоро асарҳои илмии қаблан интишоршуда ташкил менамоянд.

Дар ин қатор монографияи пуарзиши забоншиноси тоҷик Н. Маъсумӣ «Очеркҳо оид ба инкишофи забони адабии тоҷик»-ро дар таҳқиқи ҷанбаи услубии фразеология метавон асари бунёдӣ шуморид. Ин асар ба забон ва услуби яке аз беҳтарин повестҳои С. Айнӣ «Марги судхӯр» бахшида шудааст. Муҳаққиқ бори аввал дар асоси маводи ғании ин асар табиати ВФ-и забони тоҷикӣ, сохтор, обуранги миллӣ, ифоданокӣ ва образнокии онҳоро баррасӣ намуда, ба гурӯҳҳои сохторӣ тасниф кардааст [49].

Ҳамчунин хизмати забоншинос ва луғатнигори маъруфи тоҷик М.Ф.Фозиловро, ки фарҳанги дуҷилдаи фразеологизмҳои забони тоҷикиро бо унвони «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик» ба табъ расонид, беназир аст [148;140]. Баъд аз таҳқиқи маводи назарии бахшида ба фразеология, муҳаққиқ ба хулоса меояд, ки манбаи ВФ забони

зиндаи мардумӣ мебошад. Муҳаққиқ мавҷудияти ин воҳидҳоро дар ҳамаи забонҳои дунё қайд намуда, ҳамчун категорияи таърихӣ дорои қонуният ва як қатор хосиятҳо будани онҳоро зикр мекунад. Ба ақидаи забоншинос, фразеологияро наомӯхта, руҳ ва табиати забон, ҳамчунин худи забонро донистан ғайриимкон аст. Фразеологияи ҳар як забон бо хусусиятҳои грамматикӣ ва услубии худ фарқ мекунад [148; 3-4].

Дар таҳқиқи ВФ-и изофии забони тоҷикӣ муҳаққиқи шинохта С. В. Хушенова нақши муассир гузоштааст. С.В.Хушенова дар монографияаш «Изафетные фразеологические единицы таджикского языка» ҳамчун масолеҳи тайёр мавҷуд будан, устувории сохт, яклухтмаъной, тира шудани маънои луғавӣ ва хусусиятҳои грамматикии қисмҳои таркибии онҳоро ба ҳайси меъёр муқаррар намудааст. Муҳаққиқ дар асар муносибати ВФ-и изофиро бо ибораҳои озоди наҳвӣ, калимаҳои мураккаб ва таркибҳои истилоҳӣ муайян менамояд [135].

Асару мақолаҳои профессор Ҳ. Маҷидов вазъи ташаккули фразеологияи тоҷикро баръало нишон дода, дар шаклгирии он ҳамчун қисмати ҷудогонаи илми забоншиносӣ саҳмгузоранд. Дар монографияи муҳаққиқ «Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик» хусусиятҳо, ҳудуд, семантика, сохтор ва манбаъҳои ВФ забони муосири тоҷик муқаррар карда шудаанд. Ҳамчунин категорияҳои семантикӣ, ба мисли полисемия, омонимия, синонимия, антонимия, паронимия, вариантнокии ВФ аз мадди назари ӯ дур намондааст [42].

Дар таълифоти дигари муҳаққиқ – «Фразеологическая система современного таджикского языка» маводи назарии мавҷударо доир ба фразеологияи тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода, вазъи муосири онро ҷамъбаст намуда, масъалаҳои таҳқиқнашудаи онро зикр намудааст [97]. Ҳамчунин дар қисми аввали дастури таълимии муҳаққиқ «Забони муосири тоҷикӣ. Луғатшиносӣ» таркиби луғавӣ ва категорияҳои семантикии забони адабии муосири тоҷикӣ, аз ҷумла муродифоти луғавӣ, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [44].

Дар таҳқиқоти шевашиносони тоҷик М. Маҳмудов [40], Б. Бердиев [11], Р. Эгамбердиев [59], Н.Гадоев [13] ва дигарон масъалаҳои лексика ва фразеологияи шеваҳои алоҳида мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки дар онҳо низ баъзе ишораҳои ҷолиб дар бобати муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ вуҷуд дорад.

Дар таҳқиқоти олимони рус Ю. Д. Апресян [64; 65], А. А. Брагина [71], М.Ф.Палевская [109] ва дигарон доир ба назарияи муродифот ҡайду ишорањо ҷой доранд. Аз ҷумла, Ю. Д. Апресян чунин меҳисобад, ки барои муайян намудани умумият ва ё қаробати калимаҳои ҳаммаъно маънои луғавии ҳар кадомро тафсир намудан лозим аст, то муқоиса объективӣ сурат гирад [64;14].

Дар эроншиносӣ ва забоншиносии умумӣ таълифоти муҳаққиқон Ю. А. Рубинчик [116], Л. С. Пейсиков [111], Н. М. Шанский [142;143], В. П. Жуков [84], А. М. Бабкин [69], М. И. Фомина [127], Д. Э. Розентал [117] ва аксари дигарон ҷолиби таваҷҷуҳанд.

Дар дастурҳои таълимии мактабҳои олию миёна низ дар хусуси муродифоти луғавӣ маълумот дода шудааст. Аз ҷумла, дар «Забони адабии ҳозираи тоҷик» [23], «Лексикаи забони адабии тоҷик» (М. Муҳаммадиев ва диг.) [39] ва амсоли инҳо ин мавзӯъ дар сатҳҳои гуногун шарҳу эзоҳ ёфтааст.

Дар фарҳангу луғатҳои мавҷудаи забони тоҷикӣ воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба мӯҳтавои луғат ҷой дода шудаанд. «Фарҳанги забони тоҷикӣ» [150] воҳидҳои фразеологии адабиёти классикиро бо намунаи эҷодиёти адибони гузашта тафсир карда бошад, «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» [155] ҳамзамон фразеологизмҳои мавриди истеъмоли замони имрӯзаро низ (бе овардани намуна) фаро мегирад.Дар луғатҳои тарҷумавӣ – «Русско-таджикский словарь» [153], «Таджикско-русский словарь», «Фарҳанги тоҷикӣ ба русӣ» [154] ин воҳидҳои фразеологӣ вобаста ба зикрашон дар луғатҳои тафсирии ҳар ду забон ҷой дода шудаанд. Ҳамчунин луғатҳои фразеологии дузабонаи мухтасар вуҷуд дорад, ки он барои мактаббачагон таҳия гардидааст.

Бояд ишора намуд ки, таълифоти мазкур ҷанбаҳои мухталифи лексикология ва фразеологияро дар бар мегиранд. Дар забоншиносии тоҷик адабиёти махсус доир ба муродифоти луғавӣ ба солҳои 70-уми асри гузашта рост меояд. Назарияи нисбатан нав дар ин соҳа ба забоншиносон Ҳ. Маҷидов (муродифоти луғавию фразеологӣ) [44] ва Б. Камолиддинов (муродифоти грамматикӣ) [87] мансуб аст.

Дар бобати истифодаи муродифоти луғавию фразеологӣ дар матн, ки ба мавзӯи услубиёт рабт дорад (умуман, худи мавзӯи муродифот характери сирф услубӣ дорад), таҳқиқоти хоса анҷом дода нашудааст. Танҳо дар асарҳои ба услубшиносӣ бахшидаи забоншинос Б. Камолиддинов баъзе ишораҳо дар ин хусус ҷой доранд. Муҳимияти масъала дар он зоҳир мегардад, ки аввалан, муродифоти луғавӣ байни ҳам бо маъноҳои иловагӣ, доираи истеъмол, обуранги услубӣ, ҳиссӣ, замон фарқ мекунанд. Ҳамин гуна тафовут дар муродифоти фразеологӣ низ мушоҳида мешавад ва ба ҷойи якдигар истифода нагардидани онҳоро исбот менамояд. Баъзан, истифодаи муродифоти луғавию фразеологӣ бо мақсадҳои гуногуни услубӣ сурат мегирад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки муродифоти луғавӣ, фразеологӣ ва луғавию фразеологии насри бадеии устод Айнӣ аз ҷониби муҳаққиқ М.М.Мирзоева [104] мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муҳаққиқ дар як силсила мақолот ва ду монография маводи бойи осори бадеии адибро аз нигоҳи маъно, сохтор, хусусиятҳои услубӣ таҳқиқ намудааст. Аз ҷониби муҳаққиқ бори аввал дар забоншиносии тоҷик семантика, сохтор, хусусиятҳои сарфию наҳвӣ, муродифоти калимаҳои мураккаби аз ВФ бавуҷудомада бо фразеологизми асоси онҳо омӯхта шудааст. Аммо забон ва услуби публитсистикаи нависанда умуман мавриди таҳқиқ қарор нагирифтааст. Бинобар ин омӯзиши муродифоти луғавӣ, фразеологӣ ва луғавию фразеологӣ дар асоси маводи осори публитсистии устод Айнӣ (мақолаҳо ва очеркҳо) мубрам ва саривақтӣ мебошад.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот. Мақсади таҳқиқ дар тафсири муносибатҳои муродифии воҳидҳои фразеологӣ ва калима дар забони муосири тоҷикӣ зоҳир мешавад. Ин мақсад дар ҷараёни ҳалли вазифаҳои зерин ба даст меояд:

1) омӯзиши маводи назарии бахшида ба масъалаи муродифоти луғавӣ, фразеологӣ ва луғавию фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик ва умумӣ;

2) ошкор намудани гурӯҳҳои муродифҳои луғавию фразеологӣ ва баррасии таносуби онҳо бо муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ;

3) таҳқиқи муродифоти луғавӣ, фразеологӣ ва луғавию фразеологӣ вобаста ба маъно ва сохтор (дар мавриди ВФ);

4) таҳқиқи ҳолати ҳаммаъноӣ ё наздикмаъноии сислсилаи муродифоти луғавӣ, фразеологӣ ва луғавию фразеологӣ;

5) муқаррар намудани қонунияти инъикоси муродифоти луғавию фразеологӣ ва қаробати семантикии онҳо дар луғату фарҳангҳо.

Объекти таҳқиқот. Ба сифати объекти таҳқиқ осори публитсистии Садриддин Айнӣ, аз ҷумла, маҷмӯи мақолаҳо, ки дар «Куллиёт»-и нависанда (ҷилдҳои 9, 10) гирд оварда шудааст ва очеркҳои таърихии ӯ – «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Исёни Муқаннаъ», ҳамчунин «Ҷаллодони Бухоро» интихоб гардид.

Мавзӯи таҳқиқот. Мавзӯи кор муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ мебошад.

Масъалаҳои таҳқиқот. Масъалаҳои асосии таҳқиқот баррасии муродифшавии калима бо калима, воҳиди фразеологӣ бо воҳиди фразеологӣ, калима бо воҳиди фразеологӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ ба ҳисоб меравад.

Методҳои таҳқиқот. Дар ҷараёни таҳқиқ аз усулҳои маъмули забоншиносӣ, аз қабили методи аппликатсияи фразеологӣ, методи тасвирӣ, методи таҳлили ҷузъӣ, таҳлили луғавӣ-маъноӣ, усули тафсири луғат самаранок истифода шуданд.

Методи аппликатсияи фразеологӣ имкон медиҳад, ки дараҷаи образнокии фразеологизм, характери шакли дохилии (мазмуни) ВФ; хусусиятҳои парадигматикӣ, калимасозии фразеологизм муайян карда шавад.

Методи тасвирӣ шарҳу тафсир, муқоиса ва ҷамъбасти хусусиятҳо ва нишонаҳои ҷуфтҳои муродифии калимаву ВФ, гурӯҳҳои семантикии ҳаммаъноии фразеологизмҳо ва калимаҳо, ҳамчунин гунаҳои фразеологиро дар назар дорад.

Ҳамчунин дар ҷараёни таҳлили мавод аз «Фарҳанги ибораҳои рехтаи забони ҳозираи тоҷик” (қисмҳои 1, 2), “Фарҳанги забони тоҷикӣ” (қисмҳои 1, 2) ва картотекаҳои гирдовардаи муаллиф, ки беш аз 500-тоянд ва дар асоси фарҳангҳои номбурда мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд, фоида бурда шуд.

Соҳаи таҳқиқот. Пажӯҳиш дар заминаи омӯзиш ва таҳлили маводи осори публитсистии устод Айнӣ ҷараён гирифтааст. Тавсияҳои назариву методии дар рисола мавҷудбуда дар ҷараёни таълими фанни забони адабии ҳозираи тоҷикӣ, махсусан қисматҳои лексикология ва фразеологияи тоҷик, таълими муқоисавии лексика ва фразеологияи тоҷикиву англисӣ мавриди истифода қарор хоҳад гирифт.

Марҳилаҳои таҳқиқот. Таҳқиқ дар ду марҳила гузаронида шуд:

1.Солҳои 2017-2018 ҷамъоварии мавод, омӯзиши адабиёти ватанию хоричӣ марбут ба муродифшавии калима ва воҳидҳои фразеологӣ, ки барои ташаккули назариявӣ ва бунёдии таҳқиқоти мазкур ва идомаи он замина гузоштааст.

2.Солҳои 2018-2019 таснифоти маъноӣ ва сохтории муродифоти луғавию фразеологӣ дар публитсистикаи С.Айнӣ.

Пойгоҳи асосии иттилоотӣ ва озмоишии таҳқиқот.Дар диссертатсия ба ғайр аз фарҳанги воҳидҳои фразеологӣ , фарҳангҳои муаллифони дигари даврҳои мухталиф истифода шудаанд.

Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки масъалаи мавриди назар дар заминаи маводи бойи назариву амалӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Аппарати илмии таҳқиқот ба мақсаду вазифа ва сохтори диссертатсия созгор буда, барои таҳқиқи мукаммали муродифшавии калима бо воҳидҳои фразеологӣ заминаи мусоид фароҳам овардааст.

Навгониҳои илмии таҳқиқот. Муносибати муродифии фразеологизмҳо ва калимаҳо аҳамияти илмию амалӣ дорад. Навоварии илмии кор дар он зоҳир мегардад, ки

ин навъи муносибатҳои луғавию семантикӣ дар асоси маводи осори публитсистӣ мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Бори аввал дар рисола масъалаи ҳаммаъноии калима ва ВФ, дараҷаи ҳаммаъноии онҳо, сохтори ВФ-и муродиф дар матни публитсистӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар рисола муродифоти луғавӣ, фразеологӣ ва луғавию фразеологӣ бо як низоми муайян таҳқиқ мегардад.

Аҳамияти назариявии таҳқиқот. Натиҷаҳои аз таҳқиқ ба даст омада ба ҳалли як қатор масъалаҳои назарии муродифот мусоидат намуда, дар таҳқиқи минбаъдаи муродифоти луғавию фразеологӣ, маънои калима, пурра кардани маълумоти луғатҳои тафсирию фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ, муқоисаи корҳои қаблан анҷомёфта, навиштани бобҳои алоҳидаи китобҳои дарсии забони тоҷикӣ, услубшиносӣ хизмат хоҳад кард.

Аҳамияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки нуктаҳои асосӣ ва натиҷаҳои корро ҳангоми мураттаб намудани луғатҳои фразеологӣ (умумӣ ва муродифӣ), таълими фанҳои лексикология, фразеология, услубшиносӣ, курсу семинарҳои махсус дар мавзӯи муродифот, забони матбуоти даврӣ, таҳқиқи осори шоиру нависандагони тоҷик, таҳқиқоти типологӣ, назария ва амалияи тарҷума истифода бурдан мумкин аст. Ҳамчунин забони осори устод Айнӣ дар такмили забондонии донишҷӯёну магистрҳо ва муҳаққиқони ҷавон мусоидат хоҳад кард.

Нуктаҳои асосии ба дифоъ пешниҳодшаванда:

1. Исбот карда шуд, ки муносибати маънои байни калима ва воҳиди фразеологӣ дар забон характери системавӣ дорад. Бо вуҷуди пуробурангии муносибати муродифӣ дар забони тоҷикӣ ба ин масъала таваҷҷуҳ нисбатан камтар шудааст. Ҳол он ки ҳаммаъношавии калима ва воҳиди фразеологӣ, наздикмаъноии онҳо, вариантнокии фразеологизмҳо ва калима дар забон мавқеи муҳим дорад. Тавсиф ва таҳлили ин навъи муродифот аз он шаҳодат медиҳад, ки он ҳам аҳамияти муҳим дорад, зеро силсилаи муродифоти луғавӣ бе муродифоти фразеологӣ нотамом мемонад.

2. Мукаррар карда шуд, ки муродифоти луғавию фразеологӣ падидаи хоса буда, миёни воҳидҳои мухталиф, аммо муродифи забон (калима ва фразеологизм) сурат мегирад, ки аз нигоҳи маъно наздик ва баъзан баробаранд. Муродифоти луғавию фразеологӣ вобаста ба дараҷаи ҳаммаъноӣ ба навъҳои мутлақ, нисбӣ ва типи калимасозӣ тасниф мешаванд. Аз ин навъҳои муродифот гурӯҳи дуюм дар забони тоҷикӣ зиёдтар ба назар мерасанд.

3. Ошкор гардид, ки бо вуҷуди он ки миёни воҳидҳои фразеологӣ ва калимаи бо ҳамдигар муродиф умумият мавҷуд аст, тафовут низ мушоҳида мешавад. Қайд кардан муҳим аст, ки муродифоти луғавию фразеологӣ ҳамчун падидаи гуногунсатҳ (луғавию фразеологӣ) дар заминаи фразеология ба бою ғанӣ гардидани луғат аз нигоҳи семантика мусоидат менамояд. Муродифоти луғавию фразеологӣ аз нигоҳи обуранги услубӣ, ҳиссӣ ва амсоли ин аз ҳамдигар фарқ мекунанд.

4. Бояд зикр кард, ки осори бадеиву публитсистии С. Айнӣ саршор аз воситаҳои муассири баён, аз ҷумла муродифоти сатҳи гуногун мебошад. Нависанда, ки аз нозукиҳои забони модариаш хуб огоҳ буд, дар истифодаи воҳидҳои он низ эҳтиёткорона муносибат мекард. Аз ин ҷост, ки бо сабки хосае муродифоти луғавӣ, луғавию фразеологӣ ва фразеологиро кор мефармуд. Ҳамеша кӯшиш мекард, ки аз як асар то асари дигараш аз муродифоти луғавию фразеологии мухталиф истифода кунад, яъне пайваста аз такрори

воҳидҳои забон худдорӣ менамуд. Аммо маводи амалии осори публитсистию бадеии адиб нишон дод, ки истифодаи муродифоти луғавӣ, луғавию фразеологӣ ва фразеологӣ на ҳамеша бо мақсади гурез аз такрор кор фармуда мешудааст, балки дар матн хусусиятҳои услубии гуногун зоҳир мекардааст.

5. Муродифоти луғавию фразеологии осори публитсистии адиб аз нигоҳи сохтор ва семантика гуногун буда, як қисми онҳо матлабро пуробуранг ва ҷолиб, қисмати дигар муътадил, бидуни обуранг ифода мекунанд. Таҳлили маводи осори публитсистии устод Айнӣ нишон дод, ки аз гурӯҳҳои сохтории воҳидҳои фразеологӣ аз ҳама зиёдтар ибораҳои рехтаи феълӣ бо калима ҳаммаъно шудаанд. Аз нигоҳи маъно муродифҳои луғавӣ ва фразеологӣ баъзан баробар ва гоҳи дигар наздик мебошанд.

Саҳми фардии муҳаққиқ. Саҳми шахсии муаллиф аз он иборат аст, ки кори илмии мазкур таҳқиқоти мустақил буда, дар мавзӯи муҳимм таҳия гардидааст. Диссертант осори илмии муҳаққиқони ватаниву хориҷиро, ки бо мавзӯи рисолаи мазкур бевосита иртибот доранд, мавриди истифода қарор додааст. Дар диссертатсия бори нахуст муносибати муродифии фразеологизмҳо ва калимаҳо дар асоси маводи публитсистии С. Айнӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Дар рисола муродифоти луғавӣ, фразеологӣ ва луғавию фразеологӣ бо як низоми муайян баррасӣ гардидааст.

Сарчашмаҳои таҳқиқот. Маводи кор асосан аз осори публитсистии Садриддин Айнӣ дастрас шудааст.

Апробатсияи кор. Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи назария ва амалияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи № 8 аз 06.03.2020) ва сексияи забоншиносии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ (суратҷаласаи № 5, аз 16.04. 2020) муҳокима шуда ба ҳимоя тавсия шудааст.

Тасвиби таҳқиқоти диссертатсионӣ. Мазмуну мундариҷаи рисола қисман дар 7 мақола, ки 5-тои он дар нашрияҳои феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифташуда нашр шудаанд, инъикос гардидаанд. Натиҷаҳои ҷудогонаи таҳқиқот ҳангоми таълими «Назарияи фразеология», «Забони муосири тоҷикӣ», «Курси амалии лексика ва фразеологияи забони тоҷикӣ ва англисӣ» истифода шудаанд.

Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Мӯҳтавои асосии диссертатсия

Дар муқаддима аҳамияти таҳқиқоти диссертатсионӣ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, манбаъҳо, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, методҳо ва нуктаҳои барои ҳимоя пешниҳодшаванда баррасӣ мешаванд.

Боби якуми рисола «Масъалаҳои назарии муродифот дар забоншиносии тоҷик» унвон дошта, дар он дараҷаи таҳқиқи масъалаи муродифоти луғавӣ, муродифоти фразеологӣ ва мавқеи муродифоти луғавию фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамчунин дар ин қисмати кор ба таҳқиқи муродифот дар забоншиносии умумӣ низ як андоза таваҷҷуҳ гардидааст. Ин боби рисола аз се фасл иборат аст.

Фасли аввали кор «**Таҳқиқи масъалаи муродифоти луғавӣ дар забоншиносии тоҷик**» ном дошта, дараҷаи омӯхта шудани муродифоти луғавиро дар забони тоҷикӣ ва забоншиносии умумӣ баррасӣ менамояд.

Ҳаммаъношавии воҳидҳои гуногуни забон, хусусан муродифшавии калимаҳо ва воҳидҳои фразеологӣ, аз як тараф, яке аз воситаҳои муҳими ғанӣ гаштани таркиби луғавӣ ба ҳисоб равад,аз тарафи дигар, имкони дуруст ва бамавқеъ истифода бурдани калимаҳо, образнок, рангин ва таъсирбахш ифода кардани матлабро ба миён меорад. Ба ин масъала ҳанӯз мутафаккирони барҷастаи мо таваҷҷуҳ кардаанд. Аз ҷумла, Насируддини Тӯсӣ (XIV) дар асараш «Асос-ул-иқтибос» дар бобати хусусиятҳои савтии назм сухан ронда, ҳамчунин ба масъалаҳои сермаъноӣ, зидмаъноӣ ва ҳаммаъноии калимаҳо эътибори хоса додааст. Мутафаккири бузург бевосита ба маъноҳои калима дахл намуда, калимаҳои забонро вобаста ба ифодаи маъно ба чаҳор гурӯҳ ҷудо мекунад: «Гоҳ бошад, ки як лафз бар як маънӣ беш далолат накунад ва гоҳ бувад, ки як лафз (яъне калима) бар маънии бисёр далолат кунад. Ва ҳамчунин гоҳ бувад, ки алфози бисёр бар як маънӣ ё зиёда аз як маънии мутақориб (ба ҳам наздик) ё ғайримутақориб далолат кунад…» [48;8]. Насируддини Тӯсӣ калимаҳои ҳаммаъноро танҳо мансуб ба исмҳо медонад, ки чунин нест. Қариб ҳамаи ҳиссаҳои нутқ хусусияти ҳаммаъноӣ пайдо менамоянд. Ӯ яке аз василаи бой гардидани забон, ифоданокию таъсирнокии сухан будани синонимҳоро махсусан қайд мекунад. Ҳамчунин дар миёни калимаҳои силсилаи синонимӣ дар ифодаи маъно, тобишҳои иловагии маъно, обуранги эҳсосотӣ ва услубӣ тафовути нозукеро мебинад. Муаллиф мавҷуд набудани синонимҳои мутлақро дар забон бо мисолҳо шарҳ додаст [48; 8-48].

Дар забоншиносии тоҷик маълумоти мухтасарро доир ба синонимҳо дар луғатҳои то Инқилоби Октябри соли 1917 ва баъд аз он нашргардида низ дучор омадан мумкин аст. Инчунин дар тадқиқоти махсус, рисолаҳои ба забон ва услуби адибони ҷудогона бахшидашуда, китобҳои дарсӣ, мақолаҳо паҳлуҳои мухталифи муродифоти луғавӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Дар зерфасли ин қисмати кор мавқеи муродифоти луғавӣ дар осори публитсистии адиб мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ин зерфасл «**Муродифоти луғавӣ дар осори публитсистии С. Айнӣ**» унвон дорад ва дар ин қисмат мавқеи муродифоти луғавӣ дар осори публитсистии адиб таҳлил шудааст. Чи тавре ки маълум аст, дар муродифоти луғавӣ маънои луғавии як калима бо ҳамин гуна маънои луғавӣ бо калимаи дигар қаробат пайдо мекунад. Аз сарчашмаҳо маълум аст, ки маънои луғавии калима чор навъ мешавад: мафҳумӣ, эҳсосотӣ, модалӣ ва ишоратӣ. Аз ин се навъи аввал дар ҷараёни ҳаммаъношавии калимаҳо иштирок мекунанд. Дар ин хусус муҳаққиқ

Ҳ. Маҷидов дар “Забони адабии ҳозираи тоҷик. Луғатшиносӣ” гуфта гузаштааст ва мо низ онро дар рисола такрор накардем, зеро муҳаққиқони минбаъда ҳам дар такя ба ин сарчашма онро қайд кардаанд.

Устод Айнӣ муродифоти луғавиро бо мақсадҳои гуногун, вобаста ба объекти тасвир интихоб мекунад. Чунончи, дар мисоли зерин муродифоти луғавӣ барои нишон додани хислату характери мардуми одӣ пайиҳам кор фармуда шудааст:

“Аммо султон Муҳаммад афсӯс, ки аз ***далерӣ, ҷанговарӣ, нотарсӣ*** *ва ватандӯстии аҳолӣ фоида бурда натавонист” (8; 31).*

Дар ин ҷумла калимаҳои *далерӣ* ва *нотарсӣ* бо ҳам муродиф гардидаанд. Калимаи *далерӣ* маъноҳои диловарӣ, ҷасурӣ ва нотарсиро ифода кардааст. Вожаҳои *далерӣ, нотарсӣ* обуранги ҳиссии мусбат дошта, нависанда онҳоро аз забони гӯянда барои нишон додани ватандӯстиву нотарсии аҳолӣ кор фармудааст. Калимаи *далерӣ* бештар дар услубҳои бадеию публитсистӣ кор фармуда шавад, вожаи *нотарсӣ* дар нутқи гуфтугӯйӣ низ корбаст мегардад.

Дар публитсистикаи адиб ба ҳайси муродиф калимаҳои маъмули арабӣ низ кор фармуда шудаанд, ки онҳо вазъияти ҳамонвақтаро хуб ифода намудаанд:

“Ҳамон рӯз ин фоҷиа дар шаҳри Хуҷанд ва атрофи он овоза шуда, калону хурд ба ***тазъиқ*** *ва* ***фишори*** *маъмурони Чиғатой нигоҳ накарда, ҷомаҳои сиёҳ пӯшида, миёнашонроаз рӯй баста, чунон ки падарашон кушта шуда бошад, барои падари қаҳрамонашон Темурмалик мотам гирифтанд “(8; 80).*

Нависанда дар ин матн ҳам ҳолати қаҳрамононро дақиқ ифода кардааст ва ҳам моҳирона аз такрори ноҷо худдорӣ намудааст. Калимаҳои *тазъиқ* ва *фишор* ранҷи ҳукуматдоронро нисбат ба сокинони шаҳр таъкид менамоянд. Ин вожаҳо ифодакунандаи ҳолати танги персонажҳои матнро нишон додаанд. Калимаи *тазъиқ* хусусияти архаистӣ гирифта, доираи истифодааш танг гардидааст. Воҳиди луғавии *фишор* маънои мӯътадил дошта, дар ҳамаи услубҳои нутқ ба кор бурда мешавад. Азбаски доираи маънои калимаи *фишор* васеъ аст, он нисбат ба *тазъиқ* бо маъноҳои хос ва доираи истифода фарқ менамояд. Дар фарҳанг вожаи *фишор* чунин шарҳ дода шудааст: тазъиқ, зӯр ва вазнинӣ, ки аз чизе нисбат ба чизе воқеъ мешавад [150; 436]. Калимаи *тазъиқ* маънои касеро дар ҷойи танг андохтан, танг кардан; фишор; ба тазъиқ кашидан, фишор додан; исроркорона талаб кардан [150; 307] дорад. Ин ҷо адиб маънои калимаи аввалро таъкид намудааст.

Хулоса, муродифоти луғавии осори публитсистии адиб бо мақсадҳои гуногуни услубӣ ба кор бурда шудаанд. Онҳо дар публитсистикаи адиб 1) ба хотири гурез аз такрор; 2) дақиқ ифода кардани матлаб; 3) пурра кардани маънои калимаҳои муродифӣ; 4) таъкиди маъно; 5) инъикоси воқеаҳои таърихӣ хизмат кардаанд.

Фасли дуюми боби аввал «**Дараҷаи омӯзиши муродифоти фразеологӣ дар забони тоҷикӣ»** унвон дорад. Дар ин фасл тамоми корҳои ба фразеологияи забони тоҷикӣ бахшидашуда баррасӣ карда шудаанд. Маводи илмии мавҷуда аз он шаҳодат медиҳад, ки дар забоншиносии тоҷик низ дар ин самт корҳои бисёре анҷом дода шудаанд. Мавзӯи муродифоти фразеологӣ аз ҷониби муҳаққиқон Т. Мақсудов, Ф. Зикриёев, Ҳ. Маҷидов, М.М. Мирзоева як андоза омӯхта шудааст. Дар таълифоти муҳаққиқони мазкур муродифоти фразеологӣ дар доираи ҳаҷм ва ҳудуди он таҳқиқ гардидааст, аммо дар баъзе рисолаву мақолаҳои дигар ВФ бо ифодаҳои маҷозӣ, зарбулмасалу мақол, таркибҳои феълӣ ё калимаҳои аз фразеологизмҳо бавуҷудомада омехта карда шудаанд. Маълум мешавад,

ки ин муаллифон маънои маҷозии воҳидҳои номбурдаро ба назар гирифтаанд, ҳол он ки калимаҳои сермаънои забон ҳам дар асоси маҷозонидани маъно ба семантикаи нав соҳиб мешаванд. Агар маънои маҷозӣ ҳамчун нишонаи муҳими фразеологизмҳо ҳисобида шаванд, пас, калимаҳои маънои маҷозидоштаро ВФ шумурдан лозим меояд, ки дар ин ҳолат миёни калима ва воҳидҳои рехтаву устувори забон тафовут намемонад.

Дар зерфасли қисмати мазкур – «**Мавқеи фразеологизмҳои ҳаммаъно дар публитсистикаи С.Айнӣ**» ВФ-и ҳаммаъно ва мавқеи истеъмоли онҳо дар публитсистикаи нависанда таҳқиқ мегардад. Маълум аст, ки ВФ-и ҳар забон ҳусну тароват ва хусусиятҳои миллии хос дорад. Пӯшида ва нозук ифода кардани матлаб, рангин ва ҷаззоб тасвир намудани воқеаҳои зиндагӣ, дилчасп ва нотакрор гардонидани тарзи баён ба туфайли воситаҳои муассири забон, аз ҷумла воҳидҳои фразеологӣ (ВФ), хусусан муродифоти фразеологӣ, даст медиҳад. "*Муродифоти фразеологӣ* гуфта ду ва зиёда ВФ-и аз нигоҳи семантика ба ҳам наздик ё умумиятдоштаро меноманд, ки бо обуранги бадеӣ, мавқеи истеъмол аз якдигар фарқ мекунанд. Хусусияти муҳимашон ифодаи семантикаи умумии ба ҳам наздик аст. Инчунин онҳо бояд аз ҷиҳати сохт мувофиқат карда, аз нигоҳи таркиби луғавӣ ба як гурӯҳи лексикию грамматикӣ мансуб бошанд" [42; 55-58].

Устод Айнӣ барои муфассал баён намудани вазъияти баамаломада, худдорӣ аз такрори ВФ, ҷоннок ва барҷаста ифода кардани сухани гӯянда ҳам хизмат мекунанд. Чунончи, ВФ-и *ба ҷаҳаннам фиристодан* ва *ба замин яксон шудан* ба як маъно – кушта шудан далолат кардаанд, аммо яке ҳамчун натиҷаи дигаре корбаст шудааст:

"Дар ҳолати мастӣ ҳам метавонам, монанди ту чандин саги разилро ***ба ҷаҳаннам фиристонам****! – гӯён тирро аз шаст раҳо кард ва мугули якчашма* ***ба замин яксон шуд"*** *(8; 79).*

Ин воҳидҳои фразеологӣ хоси услуби бадеӣ ва публитсистӣ ҳастанд. Бояд гуфт, ки ВФ-и боло бо маънои амали густохонаи номатлуб обуранги ҳиссии манфӣ доранд. Нависанда эҳсосоти бадбинӣ ва хашму ғазаби қаҳрамони асарро бо ёрии муродифоти фразеологӣ баён намудааст. С.Айнӣ дар мавриди истифодаи ВФ ҳам вазъияти мавҷударо ба назар мегирад. Асли фразеологизми *ба ҷаҳаннам фиристодан* «ба асфалассофилин фиристодан» аст, аммо адиб вобаста ба талаботи замон онро бо муродифаш иваз кардааст. ВФ-и ***ба ҷаҳаннам фиристодан*** дар фарҳанг ба маъноҳои зерин омадааст: 1. Ба дӯзах рафтан; 2. куштан [148; 39]. Он дар асоси расму русумҳои динӣ ба вуҷуд омадааст. Тибқи ойинҳои динӣ, нафароне, ки ба амалҳои зишт даст мезаданд, барои тарсонидани онҳо калимаҳои *ҷаҳаннам* ва *дӯзах (асфалассофилин)* истифода мешуданд ва ВФ-и ***ба ҷаҳаннам фиристодан*** дар ҳамин замина ба вуҷуд омадааст**.** Ибораи рехтаи ***ба замин яксон шудан*** маънои 1. касеро беобрӯ, шарманда, расво кардан; 2. нобуд кардан [148; 464]. Ин воҳидҳои фразеологӣ бо маънои дуюмашон бо ҳам синоним гардидаанд ва дар ҳаққи одами бад гуфта мешаванд.

Бояд қайд намуд, ки муродифоти фразеологӣ, бо вуҷуди он ки як маънои умумии ба ҳам наздикро ифода мекунанд, дар матн якдигарро иваз карда наметавонанд. Аммо дар порчаҳои зерин воҳидҳои фразеологии *ноомади кор* ва *барор нагирифтани шикор* ба маънои бетолеӣ ва «омад накардани кори касе» метавонанд, дар матн якдигарро озод иваз кунанд, зеро ҳеҷ гуна тобиши фарқноки маъноӣ надоранд:

"*Ба ҳамин тартиб агар ҳар рӯз ҳар мулозим як гӯсфанд дуздида тавонад, ҳар рӯз даҳ гӯсфанд ба даст медарояд, агар мо баъзе рӯзҳои* ***ноомади кор*** *– рӯзҳои шикор* ***барор***

нагирифтагиро *ба ҳисоб гирем ҳам, ҳеҷ набошад соле сеҳазор гӯсфанд ба даст медарорем?”(3; 242)*

Ноомади кор – пеш нарафтани кор; бетолеӣ, бемуваффақиятӣ [148; 724], *барор нагирифтан* – 1. мувофиқ наомадан, созгор нашудан, 2. пеш нарафтан, авҷ нагирифтан; ривоҷ наёфтан, омад накарданро [148; 74]. ифода мекунад. Ин ВФ дар адабиёти бадеӣ ва публитсистӣ бештар кор фармуда мешавад. Дар нутқи гуфтугӯйӣ дар шакли *барор нагирифтан* ба ҳамин маънӣ роиҷ аст. Вобаста ба талаботи матн ин ибора метавонад, ҳам обуранги ҳиссии манфӣ ва ҳам мусбат касб намояд. Агар муроди гӯянда маънои ибтидоии ибора бошад, пас, он обуранги ҳиссии манфӣ дорад. Маълум мешавад, ки истифодаи шаклҳои инкорию тасдиқии ВФ-и мухталиф яке аз усулҳои писандидаи адиб будааст, зеро чунин мисолҳоро дар эҷодиёти публитсистии адиб метавон дучор шуд. Воҳидҳои фразеологии *ноомади кор* ва *барор нагирифтани кор* дар матн як маъниро ифода намоянд ҳам, аз нигоҳи сохтори наҳвӣ аз ҳам фарқ менамоянд.

Ҳамин тариқ, ВФ-и ҳаммаъно дар публитсистикаи устод Айнӣ мавқеи устувор дошта, ҳамчун воситаи муассири ифодаи матлаб, инъикоскунандаи саҳеҳи воқеаҳои тасвиршаванда, воситаи дақиқ ва пурра баён кардани фикр ва ниҳоят василаи гурез аз такрор хизмат кардаанд. Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки аз гурӯҳҳои сохтории ВФ бештар ибораҳои феълӣ байни ҳам муносибати муродифӣ зоҳир кардаанд, ки ин аз бой будани фразеологизмҳои феълии забони тоҷикӣ дарак медиҳад.

«Мавқеи муродифоти луғавию фразеологӣ дар забони тоҷикӣ» унвони фасли сеюми боби аввал буда, дар он дараҷаи омӯхта шудани масъалаи муродифоти калима бо ВФ дар забоншиносии тоҷик ва ҷо-ҷо забоншиносии умумӣ таҳқиқ мегардад. Омӯзиш ва баррасии масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳарчанд дар мавриди муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик ва умумӣ таълифоти зиёде рӯйи кор омадааст, дар хусуси ҳаммаъноии калима ва ВФ масолеҳи илмӣ чандон зиёд нест. Ба масъалаи муродифшавии калима ва фразеологизмҳо дар забони тоҷикӣ баъзе ишораҳои профессорон Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, муҳаққиқон М. Юсуфова, М.М. Мирзоева ҷой доранд.

Забоншинос М. М. Мирзоева дар монографияаш – «Муродифоти луғавӣ ва фразеологии насри бадеии С.Айнӣ» як фаслро ба мавзӯи мазкур бахшида, аз осори бадеии нависанда мисоли фаровонеро мавриди таҳлил қарор додааст. Забоншинос қайд намудааст, ки «воҳидҳои фразеологӣ бо калимаҳо муродиф шуда, маънои умумӣ ва ё маънои наздики онҳоро ифода менамоянд, лекин онҳоро муродифи пурра шуморидан лозим нест. Калимаҳое, ки бо воҳидҳои фразеологӣ синониманд, ҳамеша онҳоро иваз карда метавонанд, лекин воҳидҳои фразеологӣ чунин имкониятро доро нестанд” [104; 300].

Дар забоншиносии рус ин масъала таваҷҷуҳи муҳаққиқон В.В. Виноградов, А.М. Бабкин, В.П. Жуков, Р.Н. Попов, В.Л. Архангелский, Ю.П. Солодуб,Я. И. Ретскер, А. В. Федоров, Ю.Е. Коркина ва бисёри дигаронро ба худ ҷалб кардааст. Дар баррасии ин масъала нуқтаи назари муҳаққиқон гуногун аст. Як гурӯҳ калима ва ВФ-ро воҳиди луғавӣ, гурӯҳи дигар воҳидҳои мустақили забон меҳисобанд.

Рисолаи илмии махсус, ки ба муродифоти луғавию фразеологӣ бахшида шудааст, ба Ю.Е. Коркина тааллуқ дорад. Ӯ дар рисолаи номзадиаш «Муносибати муродифии воҳидҳои фразеологӣ ва калима дар забони муосири рус» [94] ба масъалаи таърихи

омӯзиши муродифоти луғавӣ ва фразеологӣ, дараҷаи ҳаммаъноии онҳо, мафҳуми муродифоти луғавию фразеологӣ аз нигоҳи муҳаққиқон, навъҳои муродифоти луғавию фразеологӣ ва амсоли ин таваҷҷуҳ намудааст.

Боби дуюми рисола зери унвони **«Муродифоти луғавию фразеологӣ аз нигоҳи дараҷаи ҳаммаъноӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ»** ба таҳқиқи дараҷаи ҳаммаъноии калима ва фразеологизм бахшида шудааст.

Забоншинос Ҳ. Маҷидов дар “Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик” ВФ-ро аз ҷиҳати тарзи ташаккули маънои яклухт ба се гурӯҳ ҷудо кардааст: идиомаҳо, фраземаҳо ва фразеологизмҳои ғайриидиоматикӣ. ВФ-и ҳар се гурӯҳи семантикӣ метавонанд, бо калима ҳаммаъно шаванд, ба шарте ки аз нигоҳи ифодаи маъно бо калима баробар ояд. Масалан, идиомаҳо аз рӯйи маъно чунин ифодаҳои рехтаи махсуси забонро ташкил медиҳанд, ки бо мазмуни яклухту пуробуранг ва сохти ба қисмҳо ҷудонашавандаи худ ба калимаҳо наздикӣ доранд*: дами гарм – хӯрок, нури дида – фарзанд, чашм дӯхтан – нигоҳ кардан, ҳар чи бодо бод – таваккал*, *гӯш ба қимор* – хушёр, *арақи ҷабин рехтан* – меҳнат кардан, *пӯстаки касеро афшондан – ҷазо додан*, *чашми касе кушода шуд – бохабар шудан*, *майнаро об кардан – фикр кардан ва ғ.* Онҳо бо калима ва ибораҳои оддии наҳвӣ ҳаммаъно шуда метавонанд, вале танҳо бо обурангашон фарқ мекунанд.

Фраземаҳо низ чун идиомаҳо мундариҷаи яклухт ва сохту таркиби доимӣ дошта, пуробуранг ва образноканд, аммо дар ташаккули маънои яклухт ва сохтори онҳо як дигаргуние дида мешавад, ки танҳо ба ҳамин гурӯҳ хос аст. Агар маънои бутуни ифодаи идиоматикӣ дар натиҷаи тағйирёбии куллии маънои ҳамаи ҷузъҳои таркибӣ ба вуҷуд ояд, мундариҷаи яклухтии фразема дар натиҷаи маҳдудшавӣ, дигар шудан, тағйирёбӣ, вобаста шуда мондани маъно ё доираи истеъмоли як ё якчанд ҷузъи таркибӣ сурат мегирад. Чунончи: *аҳли байт, вартаи ҳаёт, беди маҷнун, нону намак, мардумаки чашм, фиреб хӯрдан* ва ғ. Аз инҳо *аҳли байт, беди маҷнун* бо калимаҳои *оила, маҷнунбед* ҳаммаъно шуда метавонанд.

Фразеологизмҳои ғайриидиоматӣ ифодаҳои устуворе мебошанд, ки маънои яклухти онҳо дар асоси маъноҳои луғавии калимаҳои таркибашон ба вуҷуд меоянд. Чунончи: *афту андом, худ ба худ, хати никоҳ, арзиши аслӣ, соли нав, ангушти шаҳодат, озодии занон, ҳаққи қалам, ҳусни хат ва ғ.* На ҳамаи мисолҳои овардашуда муродифи луғавӣ доранд: *афту андом – зоҳир*, *ҳусни хат – каллиграфия, ҳаққи қалам – гонорар.*

Чи тавре ки мебинем, ҳаммаъношавии калима бо гурӯҳҳои маъноии ВФ яксон нест, яъне онҳо дар матн дараҷаи гуногуни ҳаммаъноӣ зоҳир менамоянд. Дар ин маврид мо ба таснифоти забоншиноси рус Ю.Е. Коркина такя карда, амалкарди ин назарияро дар забони тоҷикӣ, хоса публитсистикаи устод Айнӣ пайгирӣ намудем. Ин қисмати кор аз се зерфасл иборат аст: 2.1.Муродифоти луғавию фразеологии мутлақ (МЛФМ); 2.2. Муродифоти луғавию фразеологии нисбӣ; 2.3. Муродифоти луғавию фразеологии типи калимасозӣ.

Муродифоти луғавию фразеологии навъи аввал ҳамон ВФ ва калимаҳои ҳаммаъноро дар бар мегирад, ки муродифи луғавиашон як ҷузъи худи ҳамон ВФ мебошад. Ин навъи муродифот хусусияти умумии МЛФМ 1 дар айнияти маънои ҷузъи таркиби ВФ бо воҳиди луғавии озод мебошад. Мутобиқати маънои калима ва маънои фразеологизм ба мустақилияти луғавию грамматикии муродифоти луғавию фразеологӣ оварда мерасонад.

МЛФМ1[2] ҷуфти муродифоти луғавию фразеологиро ба вуҷуд меоварад. Чунин шакл гирифтани ин навъи муродифот дар забони тоҷикӣ бемаҳсул аст. Чунончи: *аз дунё гузаштан – гузаштан // даргузаштан, бандаи фармон будан – банда, роҳи фирорро пеш гирифтан – фирор кардан – фирор*. Дар публитсистикаи адиб ин навъ ягон-ягон вомехӯрад. Чунончи, С. Айнӣ муродифоти луғавию фразеологиро вобаста ба объекти тасвир интихоб мекунад. Дар мисоли зерин муродифоти луғавию фразеологӣ барои нишон додани пулпарастӣ ва ҳариси пулу мол будани мансабдорон пайиҳам кор фармуда шудааст:

"*Маҳмуди Ялавоҷ* ***тарсид*** *ва* ***бими*** *он буд, ки султон ӯро қатл кунад ва* ***аз хавфу бим*** *ба хушомадгӯйӣ даромада гуфт..." (8; 23).*

Дар ин порча таркиби рехтаи *хавфу бим* бо калимаҳои *тарс ва бим* муродиф шудаанд. Калимаи *хавф,* ки ба маъноҳои 1) тарс, бим, воҳима [151; 453] истифода мешавад, бо ҳама маъноҳои худ дар нутқи гуфтугӯйиву хаттӣ нисбатан серистеъмол аст. Ба маънои «*бим*» дар услуби бадеӣ корбаст мегардад. Нависанда бо ёрии муродифоти луғавию фразеологӣ дарҷаи ниҳоии эҳсосоти қаҳрамонро (тарсидани ӯро) инъикос намудааст.

МЛФМ 2[3] муродифшавии ВФ ва калимаҳои гуногунро, ки аз нигоҳи маъно баробаранд, дар назар дорад. Агар МЛФМ1 ҳамчун ҷуфти муродифии «фразеологизм – калима, ки аз нигоҳи таркиби овозӣ ба ҷузъи фразеологизм мутобиқ аст», пас, дар МЛФМ 2 силсилсаи муродифӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Чунин силсилаи муродифӣ, аз як тараф, фразеологизмҳои ҳаммаъноро, аз тарафи дигар, вожаҳои ҳаммаъноро дар бар мегирад. Қисмати калони муродифоти луғавию фразеологии забони тоҷикӣ мансуби ҳамин гурӯҳ мебошанд. Чунончи: ***мурдан – вафот кардан – фавтидан – аз олам рафтан – аз дунё гузаштан – аз олам гузаштан – чашм пӯшидан – бандагии Худоро ба ҷо овардан – ҷон додан – ҷон ба ҷонофарин супурдан – аз дорулбақо ба дорулфано реҳлат кардан – ба макони муқаррарӣ рафтан – рост ба дӯзах рафтан, бандагии Худоро ба ҷо овардан, олами фониро падруд гуфтан, аз дунё реҳлат кардан*** ва ғ.

Дар мисоли зерин калимаҳои *пешкаш кардан, ҳадя* ва *барги сабз* ба як маъно далолат кардаанд:

"Ғайр аз инҳо овоза ҳаст, ки ба наздики ҷаноби олӣ аз Кармина ба Бухоро меомадаанд. Агар ин овоза рост барояд, барои ин ҳам ду буғча сару по, як асп бо абзолаш ба ҷаноби олӣ ***пешкаш кардан****, ба аҳли дарбор* ***ҳадяҳо*** *ва* ***барги сабзҳо*** *додан лозим меояд" (6; 212).*

Дар матни боло воҳиди фразеологӣ бо як калима муродиф гардидааст. Дар ҳамин матн феъли *пешкаш кардан* (намудан) низ мавҷуд аст, ки маънои инъом намудан, тақдим карданро ифода мекунад. ВФ-и *барги сабз* киноя аз туҳфа, туҳфаи ночиз; раҳовард мебошад [148;71]. Калимаи ***ҳадя*** дар фарҳанг чунин шарҳ ёфтааст: бахшиш, туҳфа, ато, инъом, армуғон [151; 715]. Бояд гуфт, ки устод Айнӣ ба хотири худдорӣ аз такрори ноҷо на танҳо калимаро бо калима, балки калимаро бо ВФ ҳаммаъно менамояд, ки яке аз усулҳои писандидаи ӯст. Қариб дар ҳамаи асарҳои адиб ин тарзи корбасти воҳидҳои забон мушоҳида мегардад. Ин усулро нависанда бо ду мақсад: яке – гурез аз такрор ва дигаре – дақиқ ва пурра ифода кардани матлаб истифода мебарад. Дар матни зерин калимаи *ҳадя*

---

[2] Муродифоти луғавию фразеологии мутлақи навъи 1.
[3] Муродифоти луғавию фразеологии мутлақи навъи 2.

бо ВФ-и *барги сабз* муродиф шудааст, ки маънои якдигарро пурра намуда, моҳияти предметро дақиқ ифода кардаанд. *Ҳадя* метавонад, ҳаҷман калон ё хурд бошад, аммо *барги сабз* тӯҳфаи ночиз, раҳовард аст. Он маъноро образнок ифода менамояд. Воҳиди луғавии ***ҳадя*** маънои муътадил дошта, дар ҳамаи услубҳои нутқ ба кор бурда мешавад.

Муродифоти луғавию фразеологии навъи дуюм – нисбӣ чунин ташаккул меёбанд: маънои луғавии калима ва маънои ВФ бо ҳамдигар қисман мутобиқат мекунанд. Дар насри публитсистии устод Айнӣ як қисми калима ва ВФ-и ҳаммаъно чунин хусусият доранд.

С. Айнӣ дар мавриди истифодаи ВФ ҳам вазъияти мавҷударо ба назар мегирад. ВФ барои ҷоннок ва барҷаста ифода кардани сухани гӯянда ҳам хизмат мекунанд. Нависанда дар матни зерин ғамгинӣ ва дар як ҳолати ногувор будани хешро тавассути ВФ-и *дили касе вайрон шудан* тасвир намудааст. С.Айнӣ муродифоти мазкурро ба хотири мазмунан пурра сохтан ва таъкиди эҳсосот овардааст:

"Аз рафтани модарам чӣ гуна ва ба чӣ дараҷа ***мутаассир шудани*** *бародаронамро намедонам, аммо* ***дили ман бисёр вайрон шуд****, мехостам бо ҳой-ҳой гиря кунам, аммо барои ташвиш надодани бемор аз овозбарорӣ худдорӣ кардам"(6;25).*

Ибораи рехтаи *дили касе вайрон шудан* 1.ба риққат омадан, 2.хафа ғамгин шудан, 3. ба дараҷаи гиря расиданро ифода менамояд [148; 364]. Вожаи *мутаассир* дорои чунин маъниҳо мебошад: таъсиргиранда, 2.душвор, андӯҳгин, душвор, мушкил [150;763]. ВФ-и *дили касе вайрон шудан* хоси услуби адабии китобӣ ва гуфтугӯйӣ буда, васеъ истифода бурда мешавад ва обуранги ҳиссии мусбат дорад. Муродифи луғавии он доираи истифодаи маҳдуд дошта, танҳо дар услуби илмӣ ва публитсистӣ ба кор бурда мешавад.

Навъи махсуси муродифоти луғавию фразеологиро муродифоти луғавию фразеологии типи калимасозӣ ташкил медиҳад. Ин навъи муродифот бо усули калимасозӣ ба вуҷуд меояд (диктовать – поддиктовку, славный – наславу) [94;8]. Ин гурӯҳи калима ва ВФ дар забони тоҷикӣ бемаҳсуланд, зеро ба фразеологизмҳои тоҷикӣ мавҷудияти ду калимаи мустақилмаъно ҳатмист. Ба тариқи намуна чунин мисолҳо овардан мумкин аст: ***дар ҳақиқат – ҳақиқатан, аз сидқи дил – сидқан, аз самими дил – самимона.*** Дар публитсистикаи нависанда ин воҳидҳо ба таври ҷудогона вомехӯранд:

«Аз ин ҷумла яке бухорхудот Тағшода буд, ки бо вуҷуди мусалмон нашуданаш ба арабҳо аз ***сидқи дил*** *хизмат мекард» (8; 99-100).*

Боби сеюми таҳқиқот **«Навъҳои сохтории муродифоти луғавию фразеологӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ»** унвон дошта, дар он муродифшавии ВФ бо калима ва дараҷаи омӯзиши он дар забоншиносии тоҷик мавриди баррасӣ қарор мегирад.Дар забони тоҷикӣ дар ин бобат муҳаққиқон Ҳ. Маҷидов, Б. Камолиддинов, М. Юсуфова, М.М. Мирзоева ва дигарон нуқтаи назари худро изҳор намудаанд. Ин боби рисола аз се фасл иборат аст.

Фасли якуми диссертатсия «**Ҳаммаъноии калима бо таркибҳои рехта**» унвон дошта, муносибати муродифии калимаро бо таркибҳои рехта мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор медиҳад.

Дар публитсистикаи устод Айнӣ низ таркибҳои рехта мавқеи хосаро ишғол мекунанд, аммо ҳолати ҳаммаъношавии калимаҳо бо ин гуна таркибҳои ҷуфти фразеологӣ

нисбат ба ибораҳо камтар мушоҳида гардид. Ҳамагӣ ду таркиби ҷуфт ба назар расид, ки бо калима муносибати семантикӣ пайдо кардааст. Чунончи:

"Ба ин сабаб ҳар деҳқоне, ки худ говронӣ ва каландзанӣ мекунад, манфаати ***дастранҷи*** *худро аввал худ мебинад, вагарна* ***буду нобуди*** *деҳқони хокпошро соҳибони замин ва мулкдорон меҳӯранд"* (3; 211).

Воҳиди фразеологии *буду нобуд* «молу мулк, чизу чора, ҳастӣ, дору нодор»-ро ифода намудааст [148;137]. Фразеологизми *буду нобуд*ро нависанда дар мавриди «сармояи» деҳқон кор фармудааст. Ҳамчунин адиб ба нодорию камбағалии деҳқонон ва беинсофии соҳибони замин ва мулкдорон, ки маҳсули ба азоб ба даст даровардаи онҳоро кашида мегирифтанд, ишора намудааст. Воҳиди фразеологии *буду нобуд* таркиби тавтологӣ буда, аз шаклҳои тасдиқию инкории феъли *будан* ташаккул ёфта, бо воҳиди луғавии *дастранҷ* муродиф шудааст. Тавассути муродифоти луғавию фразеологӣ нависанда ҳолати деҳқонони меҳнатдӯст ва муносибати соҳибонашонро бо онҳо ба қалам додааст.

Муродифоти луғавию фразеологӣ на танҳо бо мақсади худдорӣ аз такрори ноҷо, балки барои пурра кардан ва таҳвияти маънои якдигар мавриди истифода қарор гирифтаанд. Чунончи:

«Албатта, бо як мақолаи хурдтарак ҷавоби ин пурсишҳоро ***ботафсил*** *ва* ***бояду шояд*** *додан намешавад» (3;223).*

Фразеологизми модалии *бояду шояд* ба дараҷаи лозимӣ, кофӣ, чунон ки мебояд; нағзакак иҷро шудани амал далолат мекунад [148; 136]. Дар ҷумла бошад ба ҳамин мазмун омадааст ва бо калимаи *ботафсил*, ки ба маъноҳои муфассалан, батафсил, пурра, мукаммал, бо тамоми ҷузъиёташ, нуқта ба нуқта далолат мекунад [155; 236], синоним гардидааст. Таркиби рехтаи *бояду шояд* ифодаи дорои маънои яклухти ба ҳиссаҳо ҷудонашаванда буда, воҳидҳои луғавии таркиби онҳо дар натиҷаи аз байн рафтани алоқаҳои ҷузъҳои таркибии онҳо хира гардидааст. Ин фразеологизм бо хусусияти идиоматикиаш фарқ карда меистад.

Устод Айнӣ калима ва воҳидҳои фразеологии ҳаммаъноро барои таъсирбахш ва ҷозибанок тасвир намудан ва баҳо додан ба рафтору кирдори персонаж кор мефармояд.

